***УДК 330***
***ББК 65-962***

# РУШДИ ИҚТИСОДӢ – АСОСИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ БӮҲРОНИ ТРАНСФОРМАТСИОНӢ

***Исмаилова Малоҳат Маҳмудовна,*** *д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ – ОСНОВА ПРЕОДОЛЕНИЯ ПОСЛЕДСТВИЙ ТРАНСФОРМАЦИОННОГО КРИЗИСА

***Исмаилова Малохат Махмудовна,*** *д-р. экон. наук., профессор кафедры экономической теории ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# ECONOMIC GROWTH IS THE BASIS OF OVERCOMING THE CONSEQUENCES OF TRANSFORMATIONAL CRISIS

***Ismailova Malohat Mahtudovna,*** *Dr. of Economics, Professor of the department of economic theory under TSULBP (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *imm-46@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушди иқтисодӣ, бӯҳрони трансформатсионӣ, модернизатсияи истеҳсолот, сифати маҳсулот, рушди иқтидори истеҳсолӣ, захираҳои истеҳсолӣ*

*Масъалаҳои бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Рушди муносибатҳои бозорӣ боиси тағйирёбии ҳамаи унсурҳои фаъолияти иқтисодӣ гардид. Муайян шудааст, ки баъди оғози рушди иқтисодии барқарорсозанда, Тоҷикистон имконияти истифодаи стратегияи тараққиёти истеҳсолоти дохилиро аз даст додааст. Табиатан, рушди иқтисодӣ ба инкишофи иқтидори истеҳсолӣ такя карда, таҷдиди технологӣ ва техникӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро пешбинӣ мекунад. Таҳлили таъиноти функсионалии рушди иқтисодӣ имкон медиҳад ба хулоса оем, ки дар дурнамои наздиктарин барои Тоҷикистон роҳи ягонаи ҳалли мушкилоти ба миёномада ноил гардидан ба рушди иқтисодии устувор мебошад.*

***Ключевые слова:*** *экономический рост, трансформационный кризис, модернизация производства,качество продукции, развитие производственного потенциала, производственные резервы*

*Рассматриваются вопросы преодоления последствий трансформационного кризиса. Развитие рыночных отношений привело к изменению практически всех элементов экономической деятельности. Определено, что после начавшегося восстановительного экономического роста Таджикистан упустил возможности для использования стратегии развития внутреннего производства. По своей природе экономический рост, опираясь на развитие производственного потенциала, предусматривает технологическую и техническую модернизацию, а также повышение качества производимой продукции. Анализ функционального значения экономического роста позволяет сделать вывод о том, что в ближайшей перспективе для Республики Таджикистан единственным путем разрешения возникающих трудностей является достижение устойчивого экономического роста.*

***Key-words:*** *economic growth, transformational crisis, production modernization, product quality, development of production potential, production reserves*

*The article dwells on the issues concerned with overcoming the consequences of transformational crisis. Market relations development has led to a change in almost all the elements*

*of economic activity. It is determined that after the beginning of economic growth reformation Tajikistan missed the opportunity to use the strategy of home production development. By its nature, economic growth, relying on the development of production potential previsages technological and technical modernization, improving the quality of products as well. Analysis of functional significance of economic growth allows us to conclude that in the nearest perspective, the only way for Tajikistan Republic to resolve emerging difficulties is to achieve sustainable economic growth.*

Рушди иқтисодӣ дар ҳамаи шаклҳои зуҳури худ, натиҷаи фаъолияти иқтисодиёти миллиро ифода карда, моҳияти ҳалли зиддияти асосии иқтисодии байни маҳдудияти захираҳои истеҳсолӣ ва бемаҳдудии истеъмолоти ҷамъиятиро инъикос мекунад. Зиддияти мазкур ду роҳи ҳал дорад: якум, аз ҳисоби зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолии ҷамъият; дуюм, аз ҳисоби нисбатан самаранок истифода бурдани имкониятҳои истеҳсолӣ ва инкишофи эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ. Бояд қайд намуд, ки дар ҳар як марҳилаи нави инкишоф ҳангоми васеъшавии имкониятҳои истеҳсолӣ, на ҳама эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ қонеъ мегарданд. Эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ҳама вақт нисбат ба захираҳои истеҳсолӣ тақаддум доранд. Ин ҳолат новобаста аз он ба вуҷуд меояд, ки маҳсулоти қонеъкунандаи эҳтиёҷотро истеҳсолкунандагони мамлакати мазкур мебароранд ва ё он аз ҳисоби маҳсулоти воридотӣ таъмин мегардад. Яъне дар ҷамъият ҳама вақт эҳтиёҷот мавҷуданд, ки ба воситаи воридот қонеъ карда мешаванд.

Дар шароити тараққиёти иқтисодиёти гузариш зери таъсири бисёр омилҳои характери эндогенӣ ва экзогенӣ дошта, дар васеъшавии иқтидорҳои истеҳсолии дохилӣ мушкилиҳо ба миён меоянд. Чунин ҳолат махсусан ба мамлакатҳои нисбатан суст тараққикарда ва таъсирпазири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст.

Зиддияти маҳдуд будани захираҳои истеҳсолӣ ва бемаҳдудии эҳтиёҷот дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон мувофиқи маълумоти омори расмӣ ҳалли худро асосан аз ҳисоби воридот ёфта истодааст.

Афзоиши муттасили ҳаҷми воридоти молу хизмат ба таври ҷиддӣ ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва мутаносибан ба суръат ва сифати рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Сиёсати либерализатсияи савдои беруна ва бӯҳрони трансформатсионии истеҳсоли ғайрикофӣ ба баланд шудани дараҷаи вобастагии воридотии иқтисодиёти миллӣ оварда расонд. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки молҳои пештар дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда, аз хориҷи кишвар ворид мешаванд. Истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар вазъияти ба миён омада ягон кӯшиши босамарро амалӣ нагардонида истодааст. Бинобар ин норасоии молҳои истеъмолӣ дар бозори дохилӣ боиси афзоиши бошиддати ҳаҷми воридот мегардад. Дар ибтидои ислоҳоти бозорӣ афзоиши ҳаҷми воридот чараёни иҷборӣ буд, баъди бартараф намудани пастравии трансформатсионӣ бошад, ин ҳодиса хусусияти устувор пайдо кард. Аҳли ҷамъият аз баҳри инкишофи истеҳсолоти дохилӣ баромада бо як ҳисси қаноатмандӣ рӯ ба истеъмоли молҳои хориҷӣ оварданд. Дар натиҷа истеҳсолкунандагони ватанӣ оид ба истеҳсоли як қатор молҳо мавқеи худро ба молистеҳсолкунандагони хориҷӣ доданд.

Пастравии трансформатсионӣ, ки аз соли 1991 то 1996 давом кард, ба инкишофи истеҳсолоти ватанӣ таъсир расонид. Новобаста аз он ки соли 2013 ҳаҷми МУД ба сатҳи соли 1991 расидааст, то ҳол ҳаҷми МУД ба ҳар сари аҳолӣ ва истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ба нишондиҳандаи ибтидои ислоҳоти иқтисодӣ баробар нашудааст. Афзоиши ҳамасолаи МУД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби соҳаи хизматрасонӣ, махсусан аз ҳисоби хизматҳои савдо ва миёнаравӣ сурат мегирад. Ин ҳолат новобаста ба нишондиҳандаи тағйирёбии ҳаҷми

МУД, ки аз рафъи бӯҳрони трансформатсионӣ дарак медиҳад, ба миён омада истодааст. Лекин роҷеъ ба рафъи қатъи истеҳсолот дар соҳаи аслии иқтисодиёт хулоса баровардан имконнопазир аст. Мувофиқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2013 нисбат ба соли 1991 43%-ро ташкил кардааст, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бошад ба 68% расидааст. Бинобар ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар соли 2013 ба соли 1991 баробаршавии ҳаҷми МУД ҳанӯз аз бартараф намудани пастравии ҳаҷми истеҳсолот шаҳодат дода наметавонад.

Лозим ба таъкид аст, ки пастравии ҳаҷми истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи ҳолатҳои мазкур, ба бехатарии иқтисодии кишвар таҳдид эҷод мекунад. Дар ин бобат маълумоти муқоисавӣ доир ба пастравии ҳаҷми МУД дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти гузариш шаҳодат медиҳад (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.****Пастравии умумии ҳаҷми МУД нисбат ба соли 1989*

| Мамлакат | Пастравии ҳаҷми МУД дар нуқтаи поёнии бӯҳрони трансформатсионӣ (бо %) | Давра (сол) дар нуқтаи поёнии бӯҳрони трансформатсионӣ |
|---|---|---|
| Маҷористон | 17,8 | 1991 |
| Чехия | 13,1 | 1992 |
| Словакия | 24,9 | 1993 |
| Венгрия | 19,1 | 1993 |
| Руминия | 25,0 | 1992 |
| Болғария | 33,4 | 1997 |
| **Доир ба мамлакатҳои Балтика** | **44,8** | **1994** |
| Эстония | 33,6 | 1994 |
| Латвия | 49,0 | 1995 |
| Литва | 43,9 | 1994 |
| **Доир ба мамлакатҳои ИДМ** | **46,1** | **1998** |
| Русия | 39,8 | 1998 |
| Беларус | 36,6 | 1995 |
| Украина | 54,0 | 1999 |
| Молдова | 61,7 | 1999 |
| Арманистон | 50,1 | 1993 |
| Озарбойҷон | 63,0 | 1995 |
| Гурҷистон | 76,0 | 1994 |
| Қазоқистон | 39,2 | 1995 |
| Қирғизистон | 46,9 | 1995 |
| Тоҷикистон | 64,2 | 1996 |
| Туркманистон | 35,8 | 1997 |
| Ӯзбекистон | 19,5 | 1995 |

***Сарчашма:*** *Красникова Е.В. Экономика переходного периода:– М.: Омега-Л, 2005.С. 89.*

Аз ҷадвали 1 маълум мегардад, ки нуқтаи поёнии пастравии трансформатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соли 1996 рост меояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди

Гурҷистон, аз байни мамлакатҳои ИДМ аз рӯи суръати пастшавии ҳаҷми МУД дар ҷойҳои аввал қарор дорад. Аз рӯи пастравии трансформатсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро, ба монанди Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Арманистон, Белрус, Украина, Молдова, Озарбойҷон ва Русияро ба қафо гузоштааст. Бояд қайд намуд, ки як қатор аз мамлакатҳои номбурда аз соли 2002-2003 оғоз карда, пастравии трансформатсиониро рафъ намуда, сатҳи тобӯҳронии соли 1991-ро паси сар ва давраи болоравиро оғоз кардаанд [2, 89].

Аз назарияи иқтисодӣ маълум аст, ки сабаби асосии буҳрони иқтисодӣ пеш аз ҳама вайроншавии мувозинати байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодот мебошад. Номувозинатӣ байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери фишори афзоиши талабот ва камшавии босуръати пешниҳодот ба миён омад. Бинобар ҳамин, бӯҳрони иқтисодии ба миён омадаро бӯҳрони истеҳсоли ғайрикофӣ меноманд. Новобаста аз тафовутҳои бӯҳрони иқтисодии истеҳсоли ғайрикофӣ ва барзиёдистеҳсолкунӣ, онҳо як қатор хусусиятҳои умумӣ доранд. Дар шароити ҳар ду бӯҳрони иқтисодӣ коҳиши нишондиҳандаҳои зерини тараққиёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба назар мерасад: муфлисшавии корхонаҳо, афзоиши сатҳи бекорӣ, баландшавии мизони фоизи қарз, сатҳи баланди таваррум, қатъи истеҳсолот, халалдор шудани таносуби рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва ғайра. Фарқи асосии бӯҳрони истеҳсоли ғайрикофӣ дар зуҳури ғайриодии он ифода меёбад. Дар давраҳои низоми маъмурӣ-фармондеҳӣ, давлат фаъолияти истеҳсолиро пурра монополизатсия карда буд. Дар натиҷа дар иқтисодиёт норасоии воситаҳои истеҳсолот дар соҳаҳои истеҳсолкунандаи молҳои ниёзи мардум ба назар мерасид. Тақсимоти меҳнат аз рӯи принсипи муносибатҳои иқтисодии байниҷумҳуриявӣ ташкил шуда буд. Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва ба истиқлолияти сиёсӣ соҳиб шудани ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, муносибатҳои истеҳсолии байни корхонаҳои мухталиф қатъ гардиданд ва аз байн рафтанд. Дар шароити пойдоршавии муносибатҳои бозорӣ фаъолияти аксари корхонаҳои истеҳсолӣ ба сабаби ноӯҳдабароӣ, яъне фаъолият бурда натавонистан дар шароити нав пурра қатъ гардид. Ба ин ҷараён хусусигардонии корхонаҳои истеҳсолӣ низ таъсири манфӣ расонид. Ба монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ шаклҳои ғайричашмдоштро гирифт. Аз сабаби надоштани таҷрибаи корӣ дар шароити бозор, надонистани фишангҳои таҳлили бозории фаъолияти корхонаҳо, соҳибмулкони нав фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хусусигардонидашудаоро ба роҳ монда натавонистанд. Дар натиҷа ба ҷои корхонаҳои истеҳсолӣ нуқтаҳои савдои гуногун ва сехҳои майда оид ба истеҳсоли молҳои алоҳидаи берун аз таъиноти корхонаи хусусигардонидашуда пайдо шуданд [1, 54-68]. Ба сабаби чунин муносибат ба бахши аслии иқтисодиёти миллӣ ва қатъ гардидани фаъолияти истеҳсолоти саноатӣ сохтори хоҷагии халқ вайрон шуд. Дар натиҷа афзоиши бекории сиклӣ ба миён омада, ҳолати иҷтимоӣ муташанниҷ гардид ва тадриҷан шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба дигар мамлакатҳо рӯ ба афзоиш ниҳод. Пас аз истиқлолияти давлатӣ низ дар мамлакат ба бахши аслӣ аҳамияти хоса дода нашуд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ фаъолияти савдогарӣ, миёнаравӣ ва молиявӣ рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Ба бӯҳрони трансформатсионии истеҳсоли ғайрикофӣ рукуди инкишофи кишоварзӣ ҳамрадиф буд. Қатъ гардидани истеҳсоли молҳои истеъмолӣ дар ибтидои амалигардонии ислоҳоти бозорӣ боиси зиёд шудани воридоти мол гардид.

Сиёсати иқтисодии номукаммал, ки дар аввали солҳои 90-ум амалӣ карда мешуд, ба

ҳолати воқеии иқтисодиёт мувофиқат намекард, зеро истеҳсоли мол барои аҳолӣ бо суръат коҳиш меёфт. Бо мақсади раҳоӣ аз ҳолати ба миён омада, қисми аҳолӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус бо фаъолияти савдо ва миёнаравӣ машғул шуд. Барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ аз тарафи соҳибкорони хусусӣ (махсусан соҳибкорони хурд) ба мамлакат молҳои истеҳсоли хориҷӣ ворид карда шуданд. Рушди чунин фаъолият агар аз як тараф, чораи ногузир барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ бошад, аз ҷониби дигар шуғли қисми муайяни аҳолии қобили меҳнатро таъмин мекард. Чунин фаъолият ба таври стихиявӣ инкишоф ёфта, ба ҳолате оварда расонид, ки аксарияти истеҳсолкунандагони ватании молҳои истеъмолӣ аз сабаби тоб наовардан ба рақобати бозорӣ мавқеи бозории худро аз даст доданд. Дар натиҷа фаъолияти истеҳсолӣ қатъ гардид.

Дар шароити рушди нокофии иқтисодиёти миллӣ дар амал татбиқ намудани стратегия воридотивазкунӣ имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, алалхусус паст намудани сатҳи бекорӣ, рафъи истифода набурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ, беҳтаршавии шароити савдо, баландшавии рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони миллӣ ҳалли худро ёбанд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо имкон медиҳад қайд намоем, ки дар шароити истифода набурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ, сатҳи баланди бекории воқеӣ ва вобастагӣ аз воридот татбиқи механизми ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ чораи зарурӣ ва самарабахши ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ то сатҳи пешазбӯҳронӣ барқарор ва самаранокии фаъолияти низоми хоҷагидорӣ дар маҷмӯъ баланд карда шавад.

Лозим ба таъкид аст, ки агар дар ибтидои солҳои 90-ум харидҳои воридотӣ ба сифати қонеъгардонии маҷмӯи талаботи барзиёдӣ нисбат ба маҷмӯи пешниҳодот баромад карда бошад, минбаъд воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати рушди иқтисодии барқароршавандаро муайян намуд. Чунин ҳолат метавонист бо истифода аз ашёи воридотӣ, масолеҳ ва техникаи истеҳсолӣ ба таҷдиди (модернизатсияи) истеҳсолоти ватанӣ мусоидат намояд. Лекин аз сабаби қатъи истеҳсоли аксарияти намудҳои молҳои истеъмолӣ, чунин самара ба миён наомад. Ба ҷои ин, молҳои воридотӣ дар сабади истеъмолии аҳолӣ нақши ҳалкунандаро бозид. Боиси қайд аст, ки дар тӯли солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҷоннокшавии истеҳсоли як қатор молҳои истеъмолӣ ба назар расида истодааст. Махсусан ин ҳолат дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва озуқаворӣ ба назар мерасад. Аммо барои рафъи оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионии паси сар шуда ин кӯшишҳо кофӣ нестанд. Ба сабаби қатъи тӯлонии фаъолияти истеҳсолӣ ҷои молҳои саноатиро, ки пештар дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол мешуданд, молҳои воридотӣ гирифтанд. Дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се ду ҳиссаи маҷмӯи талабот ба воситаи воридот қонеъ гардонида мешавад. Таҳлили истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давраи аз соли 1990 то соли 2016 ҳаҷми онҳо ба маротиб кам шудааст. Баробари ин афзоиши муттасили воридоти ин гуна молҳо ба назар мерасад. Таҳлили муқоисавии истеҳсоли як қатор молҳои саноатӣ дар соли 2016 нисбат ба соли 1990 нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ 0,2%, матоҳои пахтагӣ – 14,9%, матоъҳои шоҳӣ – 0,1%, қолин ва маҳсулоти қолинбофӣ – 12,8%, ҷӯроб – 1,7%, пойафзол – 0,6% - ро ташкил кард [5]. Бояд қайд намуд, ки як қатор молҳои саноатӣ, ки дар мамлакат то соли 1990 истеҳсол карда мешуданд, пурра аз байн рафтанд. Соли 1990 дар ҷумҳурӣ 95 ҳазор $м^2$ чӯбу тахта, 45,3 ҳазор тонна содаи

каустикӣ, 81,5 ҳазор тонна маводи минералии кишоварзӣ, 28,4 ҳазор тонна масолеҳи шустушӯи ва 166,9 ҳазор дона яхдон истеҳсол шудааст [5]. Аммо дар марҳилаи пастравии трансформатсионӣ ва рушди барқарсозанда ҳаҷми истеҳсоли ин молҳо на танҳо барқарор нашудаанд, балки пурра аз байн рафтанд.

Таҳлили муқоисавӣ ба мо имкон медиҳад, ки оид ба вобастагии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шиддатёбии он аз сабаби паст будани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва мавҷуд набудани истеҳсоли намудҳои зиёди молҳо хулоса барорем. Дар натиҷа дар бозори истеъмолӣ тамоюли устувори зиёдшавии талабот ба молҳои воридотӣ ба назар мерасад, ки ба тағйирёбии сатҳи нарх ҳассосияти суст дорад.

Ҳолатҳои дар боло қайдшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки оқибатҳои манфии пастравии кашолёфтаи трансформатсионӣ, характери вобастагии воридотии Тоҷикистонро куллан ба самти афзоиш тағйир дод. Хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар вобастагии ниҳоят баланд аз воридоти молҳои истеъмолӣ қарор гирифтааст.

Тамоюли пастшавии қурби асъори миллӣ, ки бояд ба истеҳсолкунандагони миллӣ дар рақобати нархӣ як қатор афзалиятҳоро фароҳам меовард, баръакс аз сабаби боло рафтани сатҳи нарх ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро мушкилтар мекунад. Чунин ҳолат бо мавҷуд набудани молҳои ивазкунандаи воридотӣ ва ё рақобатпазир набудани молҳои ватанӣ маънидод карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити барзиёдии талабот нисбат ба пешниҳодоти ватанӣ, афзалият дар рақобати нархӣ ба молҳои воридотӣ, фишанги иловагиро дар ташкили истеҳсоли молҳои иқтисодӣ иҷро карда метавонад. Ба шароитҳои ба миён омада нигоҳ накарда, ба ҷои ташкил намудани истеҳсолоти дохилӣ, дар мамлакат диққати асосӣ ба бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ дода шуд истодааст.

Ягона роҳи бартараф намудани мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии ба миён омада, ки бо истеҳсоли ғайрикофии трансформатсионӣ алоқаманд аст, татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии устувор мебошад. Татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ бояд ба воситаи чараёни такмили ҳамаи ҷабҳаҳои сиёсати иқтисодии давлат сурат гирад.

Баъд аз оғози рушди иқтисодии барқарорсозанда, Тоҷикистон имконияти истифодаи стратегияи тараққиёти истеҳсолоти дохилиро аз даст дод. Бояд қайд намуд, ки табиатан, рушди иқтисодӣ ба инкишофи иқтидори истеҳсолӣ такя карда, таҷдиди технологӣ ва баланд намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро пешбинӣ мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло оид ба сабабҳои бӯҳрони трансформатсионии истеҳсоли ғайрикофӣ ва оқибатҳои он, ба фикри мо, самти ягонаи татбиқи сиёсати иқтисодии давлат ва таъсири он ба ҳаёти хоҷагидорӣ, сиёсати ҳавасмандагрдонии рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Имкониятҳои истифодаи стратегияи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят калонанд ва амалисозии онҳо метавонад тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз таъиноти функсионалии сиёсати ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар рафъи оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикитон дар чунин хусусиятҳо зоҳир мегардад:

- сиёсати ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ба паст кардани вобастагии воридотӣ, зиёд намудани самараи мултипликативии хароҷоти ҳамаи агентҳои макроиқтисодӣ, яъне зиёд кардани афзоиши ҳаҷми МУД имкон медиҳад;

- рушди иқтисодӣ ба паст шудани вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон аз муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд, зеро васеъшавии истеҳсолоти дохилӣ қувваи кории иловагиро талаб мекунад;
- рушди иқтисодӣ дар дохили мамлакат тадриҷан ба баландшавии рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ мусоидат мекунад;
- таъмини рушди иқтисодӣ бехатарии иқтисодии мамлакатро аз таъсири омилҳои беруна устувортар мекунад;

Муайян намудани таъиноти функсионалии рушди иқтисодӣ худ ба худ наметавонад самараи воқеъти онро ифода кунад. Аз муайян намудани таъиноти функсионалии рушди иқтисодӣ як хулосаи зарурӣ баровардан мумкин аст: дарояндаи наздик Тоҷикистон бидуни таъмини рушди иқтисодии устувор роҳи дигари ҳалли мушкилоти ба миёномадаро надорад. Мамлакатҳои бисёр дар таҳаввули худ дар ин ё он шакл стратегияи тараққиёти воридотвазкуниро истифода кардаанд. Таҷрибаи онҳо нишон медиҳад, ки самаранокии таъмини рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама аз амалисозии сиёсати иқтисодӣ, шаклҳои хоҷагидорӣ ва мақсадҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобастаанд. Бинобар ин барои бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ, ки бо худ як қатор мушкилиҳоро ба миён овард, рушди босуръати иқтисодӣ бояд нақши ҳалкунандаро бозад. Ҳангоми истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, бояд таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ба инобат гирифта, ҷиҳатҳои мусбати онҳо ба кор бурда шаванд.

**_Пайнавишт:_**

1. *Исмаилов Ш.М. Правовые условия государственной поддержки предпринимательства в Таджикистане //Экономика Таджикистана. Стратегия развития. - 2002 . №1. - С. 54-68.*
2. *Красникова Е.В. Экономика переходного периода:– М.: Омега-Л, 2005. – 348 с.*
3. *Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. - Душанбе, 2012. – 813с.*
4. *Ризокулов Т.Р. Теоретико-методологические особенности преодоления стагфляционных процессов в трансформационной экономике (на примере Республики Таджикистан) : автореф...дисс. д-ра экон. наук. – Душанбе, 2009. – 48 с.*
5. *Сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://stat.tj/ru/analytical-tables/real-sector/*

**_Reference Literature:_**

1. *Ismailov Sh.M. Legal Conditions of State Support of Entrepreneurship in Tajikistan // Economy of Tajikistan. Strategy of Development, 2002, №1 - pp. 54-68.*
2. *Krasnikova Ye.V. Economy in Transitional Period: - M.: Omega-L, 2005. - 348 pp.*
3. *Rakhimov R.K. Problems Beset with the Transitional Economy Development of Tajikistan Republic. - Dushanbe, 2012. – 813 pp.*
4. *Rizokulov T.R. Theoretico-Methodological Features of Overcoming Stagflation Processes in Transformational Economy (on the example of Tajikistan Republic): synopsis of doctoral dissertation in economics. - Dushanbe, 2009. - 48 pp.*
5. *Statistical Agency Website under the Auspices of Tajikistan Republic President: http://stat.tj/ru/analytical-tables/real-sector/*